ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи медиатехнология ва амнияти иттилоотии факултети журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии "Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон" Афсаҳзод Аббоси Аълохон ба диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ. – Душанбе. – 339 с.

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Кори диссертатсионии Раҳимҷон Хушдил дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мутобиқат менамояд.

Соҳаи таҳқиқи кори мазкур ба зербандҳои бандҳои 3, 7, 9 ва 11-и «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад. Дар кори илмӣ масъалаҳои вобаста ба соҳаи рӯзноманигорӣ аз қабили нақши меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқӣ дар ташаккули фаъолияти рӯзмарраи рӯзноманигорон ва ВАО, заминаҳои ҳуқуқии ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолияти ВАО гуногуншакл, вижагиҳои фаъолияти ВАО дар таносуб бо меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ ва масоили дигари вобаставу ҳамҷавор баррасӣ гардидаанд.

Диссертатсияи хислати мукаммал ва байнисоҳавии илми рӯзноманигориро фаро гирифта, бевосита ба равандҳои маърифату маҳорати касбӣ, ташаккули касбият дар ҳамбастагӣ бо хулқу хӯйи инсониву ҳирфавӣ рабт дорад.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Вазъи кунунии ҷаҳонишавии аксари соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, ки дар пайвастагӣ бо олоту васоити пешрави иттилооти фаврии оламгир ба тамоми қишрҳои он таъсиррасон гардида, шадидан рӯ ба пешрафт асту баҳри татбиқи ҳадафҳои мухталифи стратегиву геополитикӣ, талқини афкору атвори ҳадафманди на ҳамеша бо ҷомеаҳои

миллӣ созгор мавриди истифода қарор мегирад, масоили риояи меъёрҳои ахлоқии милливу касбӣ ва коркарду корбурди меъёрҳои ҳуқуқии ҷориву таҳияшаванда аҳамият ва мубрамияти махсусро шомил буда, аз нигоҳи баррасии дараҷаи ҳамхонии этикиву эстетикӣ (деонтология) барои илми рӯзноманигории муосири тоҷик наву саривақтист.

Дараҷаи навгонии диссертатсия. Навгонии илмии диссертатсия аз тозагиву навии объекти таҳқиқ, баррасии ҳаматарафаи шарту шароити калидии зуҳуру ташаккули меъёру ҳуқуқҳои ахлоқиву касбӣ дар иртибот бо таҷрибаи байналмилалӣ тавассути даррасии қонунмандии деонтологӣ бармало гашта, гувоҳи даст ёфтани муаллифи он ба натиҷаҳои муҳимми илмӣ ва амалӣ дар соҳаи рӯзноманигорӣ мебошад.

Ҳамчунин навоварии муаллиф дар омӯзиши назарраси риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар фазои маҷозӣ (Интернет) ва таҳлили он мушаххасу нав ба назар мерасанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертант дар ҳашт банд гурӯҳбандӣ шуда, комилан ба мазмуну муҳтавои самти таҳқиқ мувофиқ ва, но вобаста ба баҳсбарангезӣ, инъикоскунандаи диди хос ва дастранҷи баррасиҳои муаллифанд, ки боистӣ онро эътироф ва ҳифзу ҳимоят кард.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар заминаи таҷрибаи фаъолияти амалии муаллиф, омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои муътамади илмиву назарӣ ва таҳлили амиқи маводи нашрии ВАО ба даст омада, илман асоснок ва эътимодбахш мебошанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷи дуру наздик, маводи ВАО, сомонаҳои интернетӣ ва дигар манбаъҳои марбут ба мавзӯъ самаранок истифода кардааст. Истифодаи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили мундариҷавиву муҳтавоӣ эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаву натиҷагириҳои нуктаҳои мушаххас ва билохира тамоми диссертатсияро таъмин намудааст.

Хулосаи диссертатсия дар 20 банди мукаммал оварда шуда, ба сифати тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқ 12 таклиф пешниҳод шудааст.

Саҳми шахсии довталаб дар бораи натиҷаҳои бадастовардашуда.

Дар диссертатсия бори аввал тавассути ҷамъоварӣ, радду бадали мӯшикофона ва тасвиби натиҷаҳои ҳосилшуда дар илми журналистикаи тоҷик масъалаи ташаккул ва алоқамандии меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ ба таври комил ҳаллу фасл шуда, саҳми боризе дар ин самт аст, ки далели он интишори 2 монография, 25 мақолаи илмӣ дар дохил ва беруни кишвар, аз ҷумла 14 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқ бармало зоҳир гардида, аз диди назариявӣ муҷаммаъу комил буда, дар баррасии масоили ахлоқиву ҳуқуқӣ ва ба даст овардани маълумоти иловагӣ доир ба шинохти меъёрҳои мазкур дастури арзишмандест. Ҳамчунин, маводи таҳқиқ заминаи боэътимоди илмии пажӯҳишҳои мароҳили минбаъдаи шаклгирии меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқиро ташкил намуда, дастовардҳояш дар амалия ба сифати мадраки таълими фанҳои тахассусӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва дастуру васоити таълимӣ доир ба этикаи касбии журналист ва асосҳои ҳуқуқии журналистика, курсу семинарҳои махсус истифода шуда метавонад.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил аз тавзеҳи ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб, даҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 339 саҳифаро ташкил медиҳад, ки тавассути пайванди мантиқӣ пажӯҳиши пурраи интиҳоёфта аст.

Муқаддимаи таҳқиқ мубрамии мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариву методологӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтору ҳаҷми диссертатсия ва дигар вузъҳои зарурӣро фаро гирифта, мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва пешкаш гардидааст.

Боби аввали рисола, ки **«Ҷанбаҳои назариявии меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика»** унвон гирифтааст, дар ду фасл, «**Масъалаҳои**

назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ» ва «**Зарурат ва аҳаммияти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика**» мантиқан ба ҳам пайваста, заминаҳои ташаккул ва рушди масоили марбут ба шинохти меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқиро дар партави назароти рӯзноманигорӣ пайгирӣ менамояд, зеро, чуноне худи муаллиф дуруст таъкид мекунад, "масъалаҳои шинохти назариявии ин меъёрҳо ҳамеша мавриди таҳқиқу баррасӣ аз нигоҳи самтҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта" (с.22) дар атрофи онҳо изҳори назар накардан, ба хусус вақте худи мақсади пажӯҳиш ба он равона карда шуда бошад, саҳлангории нобахшиданист. Аз ин рӯ муаллифи рисола сараввал ба таҳлили омилу меъёрҳои муайянкунандаи ахлоқ,ба вижа ахлоқи касбӣ пардохта, собит мекунад, ки маҳз ҳамин сифати касбӣ боиси ба муваффақияту соҳибиззатӣ расиданро муҳайё менамояд (с.24). Дар ин раванд меъёрҳои ҳуқуқӣ он чаҳорчӯбаест, ки озодиҳову манфиатҳоро дар мизони дарки уҳдадориву масъулият ба низом медарорад (90-91).

Муаллиф дар ин ду фасл, аввалан, аз зинаҳои таҳқиқи назарии ахлоқ дар умум ва ахлоқи касбӣ дар мушаххасӣ баҳсу андешарониҳои мактабу ашхоси маъруфи гузаштаву имрӯза сухан карда, сипас баррассии чаҳор назарияи ройиҷ – авторитарӣ, либертаринӣ, марксистӣ ва масъулияти иҷтимоӣ тааммули назаррас намуда, хулосаи бамаврид мебарорад, ки "Нуктаи муҳимме, ки дар ҳама назарияҳо ба назар мерасад ва дар назарияи масъулияти иҷтимоӣ боз ҳам муҳимтар аст, алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, зеро дар ҳамаи онҳо ба ин ҷиҳат таваҷҷуҳ зоҳир мегардад ва вобастагии бевоситаашон таъкид мешавад" (с.51) ва илова менамояд, ки "назарияҳои мазкур фарогири масъалаҳои илмию назариявии воситаҳои ахбори омма ..., ... хулосаи чандин назариёти фалсафӣ доир ба низоми идораи давлатӣ ва робита бо матбуот ҳастанд ва ин аст, ки дар асоси онҳо муносибат бо матбуот шакл гирифта, баъдан идома ёфтаву имрӯз низ аз унсурҳои онҳо кор гирифта мешавад" (с.52).

Зарурату аҳамияти меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқиро муаллифи рисола бо тамоми бурду бохт нишон дода, дар ду ҳолат ниҳоят нишонрасу муъҷаз хулоса кардааст: 1. “меъёрҳои ахлоқи касбӣ нахустин унсури муайянсози шахсияту ҳайсияти журналист ба шумор мераванд, аз ин рӯ, ниҳоят муҳиманд ва зарураташон ҳам дар ҳамин нукта ифода меёбад” (с.56); 2. “ҳуқуқ ифодагари мафҳуми меъёрҳои дурандешонае мебошад, ва... меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳз барои он шакл гирифтаву низом пайдо мекунанд, ки тартиботи ҷамъиятӣ таъмин гардида, ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои ҷомеа ҳифз карда шавад; меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистика, ки дар шакли қонунҳо ва дигар санадҳои расмӣ ифода ёфтаанд, барои иҷрои ҳамин аҳдоф қабул мегарданд ва раванди иҷроишашон назорат мегардад” (с.91-92).

Боби дуюми диссертатсия “Раванди ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ дар ВАО-и тоҷик” низ дар ду фасл, **«Омилҳои пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ»** ва **«Қабули асноди расмӣ доир ба меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ»**, дар ибтидо аз сарчашмаҳои қадиму уламои номдори Шарқу Ғарб, мисли Афлотун, Арастув, Эпикур, Сукрот, Ибни Сино, Абӯнасри Форобӣ, Саъдии Шерозию Унсурулмаолии Кайковус, Муҳаммад Ғаззолӣ, Ибни Боҷа, Ибни Рушд, ки дар қонунмандиҳои ахлоқ саъю талош кардаанд, мухтасаран ёдрас шуда, афкор ва радду бадалҳои олимони муосири ватаниву хориҷиро дар пайвастагӣ ба нозукии замон ва омилҳои пайдоиш таърихии меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқи ватанӣ баҳс мебарангезад. Дар ин мубоҳиса зарфияти ҳар як назару санадро дақиқназарона муоина намуда,роҷеъ ба аксарияти онҳо диди худро иброз медорад, ки хеле бамаврид ва муҳим буда, дараҷаи дарки муаммову мушкилиҳоро аз тарафи унвонҷӯ баръало возеҳ месозад (с. 95-98). Ҳақ ба ҷониби унвонҷӯст, ки мегӯяд : “андешаҳое ҳастанд, ки бо мурури замон, кӯҳна гардида, аз ҷониби мутафаккирони дигар мавриди интиқод қарор гирифтаанд. Ин ҳолат агар аз як ҷониб, гувоҳ ва сабаби пешрафти ҷомеа бошад, аз тарафи дигар, нишони зиддиятнокии мавқеъҳо мебошад, ки имрӯзҳо низ вуҷуд дорад ва чун

гуногунандешӣ муаррифӣ мешавад" (с.95).

Аз ин ба баъд муаллифи рисола сайри таърихии таҳия ва қабули санади ахлоқӣ дар кишварҳои ҳамҷавору Тоҷикистон, масъалаи худтанзимкунӣ, қонунҳои таҳиянамудаи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар самти журналистика, марҳилаҳои рушду ташаккули меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқии соҳавӣ дар кишвар ва ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар зовияи ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ андешаронӣ мекунад.

Дар фасли дувуми боби мазкур, ки роқеъ ба қабули асноди расмии ахлоқиву ҳуқуқӣ сухан меравад, муаллифи рисола аз мавқеъи ин ду сутуни давлатдорӣ бо қотеъият ибрози медорад, ки "Ахлоқ ва ҳуқуқ дар ҳама марҳилаҳои давлатдориҳо ҳамеша ҳамчун масъалаҳои калидии вуҷуди миллатҳо дар марҳилаи гуногун ва кунунии рушди онҳо ба ҳисоб мерафтанду имрӯз ҳам чунин мавқеъро доранд"(с.124) вазъияти вақти таҳияву қабули онҳоро ба инобат гирифта, басе бамаврид чунин хулоса мебарорад: "Ба назари мо, дар ҳолати вуҷуд доштани шароити муътадили ҷамъиятӣ имкони қабули меъёрҳои ахлоқӣ ва риояи ҳатмии онҳо бештар аст, зеро шароити муътадил имконияти андешидан доир ба рисолати аслӣ ва ҳифзи шарафи касбиро медиҳад; дар лаҳзаҳои ҳассос ҳифзи манфиатҳои шахсиву гурӯҳӣ мавқеи аввалиндараҷа касб мекунад, ки дар ин ҳолат талаботу принсипҳои касбӣ хислати дуюмдараҷагӣ пайдо мекунанд" (с.131).

Боби сеюм рисола "Махсусиятҳои меъёрҳои ахлоқӣ ва таъсири онҳо ба меъёрҳои ҳуқуқӣ" ном дошта, дараҷаи дахолати омилҳои ахлоқиро ба меъёрҳои ҳуқуқии қабулкарда ва вижагиҳои асноди марбути коргузории редаксияҳои ҷудогонаро дар ин самт дар фаслҳои **"Таъсири омилҳои этикӣ ба шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ"** ва **"Меъёрҳои ахлоқии идораҳои воситаҳои ахбори омма ва вижагиҳои онҳо"** баррасӣ менамояд.

Дар ибтидо муаллифи рисола аз мафҳумҳои "шуури ахлоқӣ", фарқи он аз "шуури сиёсӣ" ва "шуури ҳуқуқӣ" сухан ронда,бо назари донишмандон мавқеъи худро иброз дошта, пасон бевосита ба таъсири меъёрҳои ахлоқӣ ба

ҳуқуқӣ мепардозад ва таъкид мекунад, ки "дар низоми меъёрҳои иҷтимоӣ меъёри ахлоқ мавқеи хосса дошта, он заминаи ташаккулёбии дигар меъёрҳои иҷтимоӣ аз ҷумла, меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин менамояд" (с.160) ва "меъёри ахлоқ ин қонуну қоидаҳои шахшуда набуда, дар натиҷаи робитаи доимӣ, таърихан ташаккулёфта, ҳамеша дар инкишофу тағйирёбӣ қарор дорад" (с.161).

Таснифи нишонаҳои фарқкунандаи меъёрҳои ҳуқуқиву ахлоқӣ ва гурӯҳбандии онҳо аз нуктаҳои ҷолиби ин боб буда (с.171-173), муқоисаи аркони муҷозотии журналистон барои вайрон кардани меъёрҳои ахлоқи журналистӣ тибқи Кодекси ҷиноии ҶТ ва «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» (с.180-183) боз як далели таъкидҳои унвончӯ оид ба таъсири амиқи ахлоқ ба қонунгузории соҳавист. Дар ин маврид ӯ чунин хулоса мекунад: "Ҳар як меъёре, ки дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷой мегирад, асосҳои ахлоқӣ дорад, вале мо боз ҳам ба он мавқеъ ҳастем, ки ҷомеаи инсонӣ набояд ба он сатҳе расад, ки ҳама меъёрҳои ахлоқӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ мақом пайдо кунанд ва чун меъёри ахлоқ шиноҳта шаванд, зеро ахлоқ рамзи инсоният аст, ҳуқуқ бошад, расмият ва зарурат мебошад" (с.184).

Дар фасли дувуми боби 3 гурӯҳи ягонагиву тафовутҳои меъёрҳои дохилиидоравии ахлоқии як қатор ВАО ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла расонаҳои «Азия-Плюс», оҷонсиҳои " Рейтер" ва "Ворорӯд", корпоратсияи "Би-Би-Си" ва ғайра матраҳ гардида, диди муаллиф чунин натиҷагирӣ мешавад: "Ба назари мо, тақозои замон ва боз ҳам муҳимтар гардидани меъёрҳои ахлоқӣ боиси он гардид, ки ин расонаҳо меъёрҳои ахлоқи касбиро дар шакли санади алоҳида қабул намоянд ва ба раванди татбиқи онҳо низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд" (с.203).

Боби чоруми пажӯҳиш, **"Таносуби меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ дар журналистика",** алоқамандии назарӣ ва таносуби пайгирӣ аз меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқӣ дар фаъолияти ВАО-и ватаниро дар бар мегирад ва ҳамчунин аз ду фасл иборат буда, аслан рӯнамои қисме аз воқеъияти ВАО-и кишвар дар марҳилаи кунунӣ аст, ки аз дараҷаи донишу биниши рӯзноманигорон шаҳодат

марҳилаи кунунӣ аст, ки аз дараҷаи донишу биниши рӯзноманигорон шаҳодат медиҳад. Ин аст, ки муаллиф бо исрор таъкид мекунад: “созмонҳои иҷтимоие, ки дар замони муосир ба таҳияи меъёрҳои ахлоқӣ ва механизми татбиқи онҳо сару кор доранд, ҳеҷ гоҳ меъёрҳои ахлоқии инсониро тартиб дода наметавонанд, чунки ин меъёрҳо ба эътиқоди ҳамдигарии инсонҳо – ибрат, афкори умум, тарбия, анъана ва монанди инҳо такя мекунанд; ташаккул ва инкишофи ахлоқ хислати худӣ ба худӣ дорад: меъёрҳои ахлоқии муносибатҳои байни одамон, мисли дӯстӣ, рафоқат, меҳру муҳаббат низ аз омилҳои зотии инсонӣ ҳастанд ва миёни инсонҳо боқӣ хоҳанд монд, чун ташаккули онҳо низ нишони рушди ҷомеаи инсонӣ мебошад” (с.206-207).

Вале дар зимн таъкид менамояд, ки пешниҳоди фарзия ва эҳтимолияту тахминҳо ҳамчун факту далел оқибатҳои ногувори ҳуқуқӣ дошта метавонад ва ҳатман як ҷанбаеро барои баҳс ба вуҷуд меорад ва таносубан риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар сатҳи баробар қарор доршта, журналистон ба ҳама меъёрҳои соҳаи худ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, аммо баъзе нозукиҳои ҳуқуқиро сарфи назар менамоянд, ки ба назари мо, чунин баҳсҳо ва оқибатҳои онҳо ин ҷиҳатҳоро барояшон равшан менамояд ва имкон медиҳад, ки ба ин гуна ҷанбаҳои нозуки фаъолияти худ бештар таваҷҷуҳ намоянд ва дар фаъолияти минбаъда ба чунин хатоҳо роҳ надиҳанд (с.242-243).

Боби панҷум, ки “Зуҳуроти деонтологӣ чун идомаи мантиқии пайванди меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ” ном дорад, дар ду фасл, аввал аз андешаву диди олимони варзида дар боби деонтология изҳори назар карда, сипас, бо мисолҳои мушаххас аз идомати ин таълимот дар таҳияву қабули меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқӣ ва фаъолияти рӯзмарраи журналистони ватанӣ маълумот дода, аз таносуби риояи аркони ахлоқиву ҳуқуқии воқеъӣ далоили мӯътамад пеш меорад ва ба хулоса меояд, ки но вобаста ба шебу фарозҳои касбӣ, рӯзноманигорон “ба масъалаи риояи меъёрҳои ахлоқии касби худ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибати воқеъбинона доранд ва онҳоро ба қадри тавон иҷро менамоянд (с.287).

Хулосаи диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 20 банд ҷамъбаст шуда, ишора ба таълифоти илмии муаллиф дурустии хулосаҳои пешниҳодшударо асоснок менамояд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷӯҳ диссертатсияи тақризшаванда аз норасоиҳо низ орӣ нест:

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Доир ба мавзуи диссертатсия 2 монография, 25 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва дигар маҷмуаҳои илмӣ, аз ҷумла 14 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст, ки пурра натиҷаҳои диссертатсияро фарогир мебошанд.

Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи бандҳои 34-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсия ва автореферати Раҳимҷон Хушдил ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ доштани диссертатсия, дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки :

1. Дар фасли якуми боби якуми диссертатсия таҳлилу баррасиҳои муаллиф асосан дар атрофи як асаре сурат гирифтааст, ки чанд даҳсола пеш ба табъ расидааст. Хуб мебуд агар дар ин радду бадалкуниҳо аз сарчашмаҳои дигар, масалан маҷаллаҳои русии “Афкори ахлоқӣ” (Этическая мысль), “Мубоҳисаҳои ахлоқӣ” (Дискуры этики), “Назарияи давлат ва ҳуқуқ”(Теория государства и права) ва амсоли ин,

осори муҳаққиқони варзида, мисли Алексеева С. С., Фромм Э. Хабермас Ю., Муратов С.А. Бурдье П. , Нерсесянц В.С. Барулин В.С. ва дигарон, ки дар таҳқиқи масолили ахлоқӣ дар иртибот бо меъёрҳои ҳуқуқии муосир осори гаронмоя таълиф кардаанд, низ мавриди истифода қарор мегирифт ва ба ин васила доманаи баҳсро фарохтар мекард.

2. Дар боби дуюми рисола муаллиф хело боҷуръатона, бори аввал дар ин масъалаи мубрам марҳилаҳои ташаккули меъёрҳои ахлоқиву ҳуқуқиро муайян намуда, дар масъалаи асосноккунии ин биниши худ, ин ҷуръатро каме суст карда, онро номукаммал мондааст.
3. Ҳарчанд роҷеъ ба "Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ" фикру зикри зиёд оварда мешавад, назари бевоситаи муаллиф оид ба ҳусну қубҳи ҳарду нашри он норавшан мондааст.
4. Мисолҳои марбут ба ҳукмҳо дар қиболи рӯзноманигорон беҳтар мебуд мӯъҷазтару ҳадафмандтар, бе тафилҳои доманадори "протоколӣ" анҷом дода мешуданду, бар ивазашон ба рисола мисолҳои дигар зам мешуд.
5. Маводи ВАО-и русзабони мамлакат камтар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, дар ҳоле, ки чунин мавод барои муқоисаву ҳамаҷониба нишон додани вазъи воқеӣ мадраки хубе шуда, ҳусни корро ба маротиб боло мебурд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, дар умум, моҳият ва арзиши илмию амалиии диссертатсияро заррае коҳиш намедиҳанд.

Қисмати хотимавии тақриз. Диссертатсия аз нигоҳи унвон, мубрамӣ, нақши мавзӯъ, муқаддима, бобу зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо бо услуби илмӣ таҳия гардида, мантиқ ва пайдарҳамии мавзӯъҳоба таври комил риоя гардидааст.

Таҳлили диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои боэътимод мебошад. Диссертатсия ва автореферати диссертатсия, гузоришу мақолаҳои илмии

Раҳимҷон Хушдил муҳтавои асосии таҳқиқро инъикос намуда, аз маҳорати баланди илмии довталаб гувоҳӣ медиҳанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳимҷон Хушдил дар мавзӯи «Ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» пажӯҳиши анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Муқарризи расмӣ:

Доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи
медиатехнология ва амнияти иттилоотии
факултети журналистика ва
медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии
байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи
(славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Афсаҳзод А.А.
«10» октябри соли 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 93 578 69 69.
E-mail: afsahzod0505@mail.ru

«Имзои Афсаҳзод А.А.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳои
Муассисаи таълимии байнидавлатии

маълумоти олии «Донишгоҳи
(славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Боровитская Л.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 93 952 30 09.
E-mail: liliya_1993-93@mail.ru